**Нусхаи суратмаҷлиси №7**
маҷлиси кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 7–уми марти соли 2024
Иштирок доштанд:

**Проф.** Диноршоҳ А.М., Имомов А., Гадоев Б.С., Маъруфӣ Р.Н.
**дотсент**: Ойев Х., Якубова С.Н., Раҳмон Д.С., Сулаймонзода М.С., Камолов Ш.,Ҳ.
**муаллими калон**:
н.и.ҳ. Қодиров Ҷ., н.и.ҳ. Наимов Б.,
**ассистентон:**
Имомов Ҳ., Саиданваров Қ., Абдулаҳадзода С.А., Шерализода Ҷ.Ш., Муродзода У.У.

Лаборанти калон: Неъматова М.А.

**Ҷамъ: 17 нафар**

**Р Ӯ З Н О М А И М А Ҷ Л И С :**

4.3. Муҳокимаи рисолаи номзадии ассистенти кафедра Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзӯи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ»

**Сулаймонзода М.С.** – баромад намуда изҳор намуданд, ки масъалаи рӯзномаи ҷаласаро муҳокимаи рисолаи номзадии ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдулаҳадзода Собирҷон Абдулаҳад дар мавзуи «Раванди ,интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Абдулаҳадзода С.А. дода шуд.

Баъди баромади Абдулаҳадзода С.А. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Мудири кафедра Сулаймонзода М.С. қайд намуд, ки рисолаи мазкурро устодон н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ., н.и.ҳ. Имомов Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Ойев Х. мавриди назар қарор дода буданд. Аз устодони кафедра н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С. муаззаф гардидаанд, ки рисолаи мазкурро то муҳокимаи имрӯза пурра мутолиа намуда, хулосаи ниҳоиро хешро пешниҳод намоянд.

Нахуст сухан ба н.и.ҳ., дотсент Имомов Ҳ.Ш. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Абдулаҳадзода С.А. иброз намуд.

шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ бояд кунад.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ. баромад намуда, қайд кард, ки кори илмии муаллими калон кафедра Абдулаҳазода С.А. анҷомёфта мебошад. Он бо забони ноби тоҷикӣ ва бо усули содда навишта шудааст. Дар маҷмӯъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст, иброз намуд, дотсент Камолов Ш.Ҳ.

Баъдан, н.и.ҳ, дотсент Ойев Х. доир ба моҳияти рисолаи илмӣ ибрози назар намуда, қайд намуд, ки мавзӯи илмии таҳқиқотии рисоланавис яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионии ватаниро ташкил медиҳад. Рисола дар сатҳи хуб омода шудааст ва ба дифоъ тавсия карда мешавад.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С., ки мутассадиии бевосита барои додани хулосаи ниҳоӣ муаззаф шуда буд, доир ба моҳияти рисолаи илмӣ чунин ибрози назар намуд, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланд омода карда шудааст. Талаботҳои пешбининамудаи КОА оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя шудааст. Аз ин рӯ, метавон онро рисолаи анҷомпазируфта маънидод намуд.

Ҳамин тариқ,

**Кафедра қарор кард:**

1. Рисолаи номзадии ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдулаҳадзода С.А. дар мавзӯи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ тавсия карда шавад.
2. Ба ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдулаҳадзода С.А. дар мавзӯи «Раванди интихоботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С. хулосаи мусбати кафедра дода шавад.

**РАИСИ МАҶЛИС** **М.С. СУЛАЙМОНЗОДА**

**КОТИБИ МАҶЛИС** **М. А. НЕЪМАТОВА**